*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-062*
*назди Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Русия*
*ш. Душанбе, 734000, кӯчаи М.Турсузода №30*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сафаров Зулфиқор Азаматович дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Бунёди асосҳои ҳуқуқию меъёрии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, яъне ин қисмат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳалли як қатор масъалаҳои марбут ба фаъолияти инноватсионӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташаккули асосҳои ҳуқуқию меъёрии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки сиёсати Ҳукумати ҷумҳуриро дар бахши дастгирии рушди нерӯи илмӣ ва инноватсионӣ муайян менамояд, вобастагии мустақим дорад. дар ҷумҳурӣ барои бартараф намудани мушкилоти дар назди давлат ва ҷомеа дар соҳаи рушди инноватсионӣ қарордошта, муайян намудани мақсаду ҳадафҳо афзалиятҳо ва воситаҳои сиёсати инноватсионии давлат Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 қабул гардидааст,

Муаллиф чунин хулосабарорӣ намудааст, ки ҳақиқатан тахти иқтидори инноватсионӣ маҷмуи захираҳо, воситаҳои дар ихтиёрдоштаи ташкилот, системаи захираҳо ва имкониятҳо барои фаъолияти дохилӣ ва беруна, ки имкон медиҳанд ҳадафҳои стратегии рушд зимни самаранокии ҳадди аксар, инчунин ба даст овардани бартариятҳои муайяни рақобатпазирӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ. Ба назари муаллиф иқтидори инноватсионии МТОК-ин имконият ва захираҳоест, ки дар ҳолати фароҳам гаштани шароити зарурӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ва мақсадҳои гузошташудаи стратегияи инноватсионии донишгоҳ метавонанд истифода шаванд (саҳ.10).

Ба андешаи муаллиф иқтидори кадрии МТОК яке аз нишондиҳандаи асоситарин ба ҳисоб меравад зеро маҳз онҳо қувваи пешбарандаи фаъолияти он ҳисобида мешавад. **Иқтидори кадрӣ**-ин қувваи асосӣ ва ҳаракатдиҳанда, муайянкунандаи омилҳои самараноки рушди иқтисодии ташкилот ба ҳисоб меравад ва мувофиқи ҷузъи захиравии иқтидори кадрӣ нишондиҳандаҳои арзёбии он дар МТОК чунин тақсимбандӣ мешаванд: шумораи умумии ҲПО-и МТОК бо дараҷаҳои илмӣ; фаъолияти бахшҳои аспирантура ва докторантура.

Тибқи ҳисобкуниҳои муаллиф шумораи аспирантҳои МТОК дар маҷмуъ давоми соли 2021-173 нафарро ташкил дода, (коҳишёбӣ нисбат ба соли 2017 ба миқдори 768 нафар) аз ҷамъи умумии онҳо 33 нафарашон (аз ин шумора 17 нафарашон занҳо) аз истеҳсолот ҷудо шуда, боқимонда 140 нафар аспирантҳо (аз ин шумора 47 нафарашон занҳо) аз истеҳсолот ҷудо

нашуданд. Тӯли солҳои 2017–2021 миқдори докторантҳо аз 101 нафар ба 50 нафар расида, ба миқдори 51 нафар коҳиш ёфтааст. Дар соли 2017-84 нафар докторантҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва 17 докторант дар институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳсил намуда, ин нишондиҳанда дар соли 2021 дар МТОК 43 нафар ва ИИТ 17 нафар расид, ки нишондиҳандаи коҳиш 41 нафарро ташкил медиҳад. Давоми соли 2017-253 нафар докторант *(PhD)* дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ (аз ҳисоби умумӣ 37 нафар занҳо) машғули омодасозии рисолаҳои доктории худ буда, тавре маълум гардид дар солҳои 2018 ва 2019 ҳамагӣ 12 нафар аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олӣ рисолаҳои докторӣ *(PhD)* ҳимоя намуданд. Дар соли 2021 бошад 300 нафар ба докторантураи *(PhD)* дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ (аз ҷамъи умумӣ 118 нафарашон занон) дохил шуданд (саҳ.11).

Ҳангоми хонда баромадани фишурдаи рисолаи илмии Сафаров Зулфиқор Азаматович дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

а) Дар саҳафиаи 12 -ҷадвали 3.- муайянсозии рейтинги муассиса аз рӯи арзёбии сатҳи иқтидори инноватсионӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда аст, аммо тарзи баҳогузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ норавшан аст;

б) Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва граматикӣ вомехӯранд, ки бартараф кардани онҳо сифати кори илмиро беҳтар менамояд.

Эродҳои мазкур ба мазмун ва муҳтавои автореферат таъсири манфӣ намегузорад, чунки натиҷаҳои илмии бадастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқотӣ, навгонӣ ва аҳамияти амалии диссертатсия дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад, то чунин хулоса барорем, ки кори диссертатсионии пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертасионӣ пешниҳодшаванда бахри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқарраршудаи оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06. 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, Сафаров Зулфиқор Азаматович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ** мебошад.

Муқарриз,
Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДБССТ д.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М.

Суроға: 734055, ш.Душанбе, маҳ Борбад, 48/5
E-mail.ru: j_bahoviddin@mail.ru
Тел: +992 93-488-86-70

Имзои Ҷумъаев Б.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.